# ПРОТОКОЛИ № 12
## маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе 14 майи соли 2010

**Раис:** Қурбонова Р.А. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси КМҲ

**Иштирок доштанд:** 17 аъзо, бо сабабҳои урзнок 2 нафар аъзои КМҲ иштирок надоштанд (рӯйхат замима мегардад)

**Даъватшудагон:**
Филипп Креаш – менеҷери Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди ВИЧ/СПИД, сил ва табларза, Салибан Омар – менеҷери барномаҳои Барномаи Рушди СММ оид ба ВИЧ/СПИД, сил ва табларза, Ҳасанова С. – ҳамоҳангсоз оид ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД ва сили Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳкамбоева М. – мутахассиси ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзиев М.М.- директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримов С.С.-директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Оид ба ҳайати нави Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти бадан/ аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/ СПИД), сил ва табларза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Қурбонова Р.А. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси КМҲ)
2. Дар бораи рафти иҷрои «Барномаи оиди мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007 -2010» ва Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Эъломия дар бораи пайравӣ ба кори мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД-и Иҷлосияи махсуси Ассамблеяи кулли СММ (UNGASS) барои солҳои 2008-2009 (Ахбори Рӯзиев М.М. – директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон)
3. Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД, сил ва табларза аз 20 июни соли 2008 № 8 оид ба тасдиқи «Тартиби ахлоқӣ ва ҳалнамоии низоъи манфиатҳо» (Ахбори Бекназаров М. – Котиби КМҲ)

4. Дар бораи ба анҷом расидани грантҳои давраи 4-ум «Паст намудани гаронии ВИЧ/СПИД дар Тоҷикистон» ва давраи 5-ум «Дастгирии Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» (Гузориши Салибан Омар – менеҷери барномаҳои Барномаи рушди СММ оид ба ВИЧ/СПИД, сил ва табларза)
5. Оид ба эълони қабули дархостҳо барои даври 10-уми Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза. (Ахбори Бекназаров М. – Котиби КМҲ)

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р.А. бо сухани ифтитоҳӣ маҷлисро оғоз намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуд.

Доир ба масъалаи якуми рӯзнома ахбори муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси КМҲ Қурбонова Р.А. шунида шуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки тибқи талаботи Хазинаи Глобалӣ ва тағйир ёфтани аксарияти аъзои ҳайати Кумита бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 ҳайати нави Кумитаи миллӣ бо 6 намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ тасдиқ гардид, ки нисбат ба ҳайати аввала ду маротиба зиёд мебошад. Аъзои нави Кумита муаррифӣ гардид. Масъалаи боз ҳам зиёд намудани шумораи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ҳайати Кумита агар лозим дониста шавад, тибқи дархост аз нав дида баромада мешавад.

**Баромад карданд:** - Кевин Дин, Мирзоев А.С., Раҳмонов С.Б., Бекназаров М.Б., Салибан Омар

Нисбати масъалаи дуюми рӯзномаи маҷлис – директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзиев М.М. баромад намуда, дар бораи рафти иҷрои «Барномаи оиди мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007 -2010» ва Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иҷрои Эъломия дар бораи пайравӣ ба кори мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД иҷлосияи махсуси Ассамблеяи кулли СММ (UNGASS) барои солҳои 2008-2009 маълумот пешниҳод намуд.

**Баромад карданд:** Бекназаров М.Б., Ҳасанова С.

Доир ба масъалаи сеюми рӯзномаи маҷлис дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори КМҲ аз 20 июни соли 2008 № 8 оид ба тасдиқи «Тартиби ахлоқӣ ва ҳалнамоии низоъи манфиатҳо» котиби КМҲ Бекназаров М.Б. ахбор пешниҳод намуд.

**Баромад карданд:** Раҳмонов С.Б., Салебан Омар.

Гузориши менеҷери лоиҳаҳои амалисозии грантҳои Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон Салибан Омар оид ба масъалаи чоруми рӯзнома дар бораи ба анҷом расидани грантҳои Хазинаи Глобалӣ давраи 4-ум «Паст намудани гаронии ВИЧ/СПИД дар Тоҷикистон» ва давраи 5-ум «Дастгирии Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» шунида шуд.

**Баромад карданд**: Норинов Ҷ.Н., Абдулхаков Б.А.

Доир ба масъалаи охири рӯзнома оид ба эълони қабули дархостҳо аз тарафи Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди СПИД, сил ва табларза барои даври 10-ум ахбори Котиби КМҲ Бекназаров М.Б. шунида шуд.

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза қарор кард:

1.Ахбори директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди СПИД-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Рӯзиев М.М.) дар бораи рафти иҷрои «Барномаи оиди мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007 -2010» ва Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Эъломия дар бораи пайравӣ ба кори мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД-и Иҷлосияи махсуси Ассамблеяи кулли СММ (UNGASS) ба инобат гирифта шавад.
2.Тартиби ахлоқӣ ва ҳалнамоии низоъи манфиатҳо мувофиқи тағйироту иловаҳои воридшуда тасдиқ карда шавад.
3.Ахбор оид ба анҷом расидани грантҳои давраи 4-ум «Паст намудани гаронии ВИЧ/СПИД дар Тоҷикистон» ва давраи 5-ум «Дастгирии Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010" ба маълумот гирифта шавад.

4.Котиботи КМҲ вазифадор карда шавад, ки барои омода намудани дархост барои гирифтани грантҳои Хазинаи Глобалӣ дар давраи 10 гурӯҳи корӣ таъсис дода, барои баррасӣ ба раиси КМҲ пешниҳод карда шавад.

Раиси КМҲ Р.А.Қурбонова

Котиби КМҲ М.Б.Бекназаров